Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

# Фурӯғ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

**26 январи соли 2026. № 2 (588)** **Почтаи электронӣ:** furugh2000@mail.ru

**Сухани рӯз**

**Таҷлили ҷашнҳо танҳо ба хотири хушҳолӣ нест ва таҷлили ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои оянда таҳрик созад.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*

# ЭҲЁИ ҶАШНИ САДА ВА ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

**Сухани табрикотии ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат ба ифтихори ҷашни Сада**

*Истиқлоли давлатӣ беҳтарин дастоварди миллии мо мебошад, ки бо шарофати он мақоми Тоҷикистони азиз дар арсаи байналмилалӣ баланд гардид ва ҷумҳуриямон ба сифати як кишвари мустақили ягонаи демокративу дунявӣ шинохта шуд.*



Баъди расидан ба Истиқлол дар кишварамон як қатор суннатҳо ва ҷашнҳои миллӣ эҳё гардиданд, ки таҷлили баъзеашон манъ гардида, қисми дигарашон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта буд. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва ба сифати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани шахсияти ватанхоҳу ватандӯст ва худогоҳу худшинос муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ҳуввияти миллӣ ва эҳё гардидани таърихи куҳан, инчунин муроҷиат ба осори пешин ва зинда намудани чеҳраҳои таърихиву фарҳангии гузаштаи халқи тоҷик ба ҷойи аввал баромад.

Ҳамин боис шуд, ки дар ин давра мардуми тоҷик ба омӯзиши таърихи халқи худ ва давраҳои ташаккули он майли бештар пайдо намуданд ва эҳсосу муҳаббаташон нисбат ба ин марзу бум ва мероси гаронбаҳои халқ бештар гардид.

Боиси сарфарозист, ки маҳз тавассути ташаббусҳои шоистаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расму оинҳои неки ниёгон, ки барои рушди тамаддуни башарӣ хидмат намуданд, аз нав эҳё гардиданд ва аз тарафи аҳли ҷомеа ба хубӣ пазируфта шуданд. Дар байни онҳо ҷой ва мақоми се ҷашни миллию мардумӣ - Наврӯз, Меҳргон ва Сада хоса мебошад.

Таърихи нишонаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он оташ мебошад, хело қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар мерасад. Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Садаро интихоб карданд. Ин аз як тараф ифодагари рамзи ҷовидонагии Хуршед ва муқаддас донистани оташ бошад, аз тарафи дигар ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад.

Маҳз ҷашни Сада барои эҳтиром гузоштан ба Хуршед ва оташу рӯшноӣ асос гузошт ва боиси он гардид, ки одамони қадим ба ин муқаддасот эътиқод пайдо намоянд ва онҳоро ситоиш созанд. Агар Хуршед бо нури гармӣ ва фурӯзонии хеш ба зиндагии одамон гармӣ ворид карда бошад, пас, оташу рӯшноӣ барои мунаввар сохтани қалби онҳо ва идомаи зиндагиашон асос гузошта, баъдҳо онҳо ба ду ҷавҳари муқаддас табдил ёфтаанд, ки дар устураҳо ҷанбаи парастишӣ пайдо кардаанд.

Дар фарҳанги суннатии ниёгони мо муборизаи равшанӣ ва торикӣ ҳамчун ҷавҳари маънавӣ нақши калидӣ доранд, ки он ба ҷашни Сада низ алоқаманд мебошад. Дар доираи ташаккули ҳамин унсурҳои ба ҳам зид гузаштагони мо, аз ҷумла қавмҳои ориёӣ ду фасли сол доштанд, ки ин ҳамон муборизаи Ҳурмузду Аҳриман ва муборизаи равшанӣ бо торикиро ба ёд меорад. Якеро тобистони бузург ва дуюмиро зимистони бузург меномиданд. Ба гуфти бархе аз донишмандон, ҳамин ки аз зимистони бузург сад рӯз мегузашт, мардум ҷашни оташ, яъне Садаро барпо менамуданд. Онҳо бовар доштанд, ки лаҳзаҳои сармои ҷонкоҳ гузаштаасту нармию гармӣ вориди рӯзгори мардум шудааст. Аз гузаштани сармои шадид, ки неруи аҳриманӣ аст, хушҳолӣ карда, аз дашту саҳро ҳезум ҷамъ оварда, оташ мезаданд, ки аз ин оташ ҳама ҷо фурӯзон мегашт ва дар гирди он хушҳолӣ менамуданд.

Доир ба таърихи ҷашни Сада Абулқосим Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» ахбор пешниҳод намуда, қадимияти онро тасдиқ кардааст ва арзиши онро барои мардуми эронитабор муҳим донистааст.

Дар ҳақиқат, ҷашни Сада, ба мисли ҷашни Меҳргону Наврӯз ҷашни кишоварзон мебошад, ки тамоми қишрҳои ҷомеа аз он дастгирӣ менамоянд ва маросимҳои онро риоя карда, аз баргузориаш изҳори шодмонӣ месозад. Ҳамчунин бо умеду орзуҳои нек ёдовар мешавем, ки минбаъд суннатҳои ин ҷашн ба таври васеъ омӯхта шуда, тамоми сокинони кишвар онро дар руҳияи баланди арҷгузорӣ ба мероси маънавии халқ таҷлил менамоянд. Ин тадбир имкон медиҳад, ки боз ҳам ҳуввияти миллӣ қавитар гардад ва насли имрӯза аз анъанаҳои ниёгони худ бештар бархурдор шаванд.

Умед дорем, ки ҷашни Сада ба сифати як ҷашни миллию мардумӣ мадагори кишоварзон шуда, барои рушди боғдориву токпарварӣ, гулкорию зироаткорӣ ва дар маҷмуъ ободкорию созандагӣ ба истиқболи 35-умин солгарди ҷашни пурифтихори Истиқлоли давлатӣ мусоидат менамояд ва минбаъд боз ҳам густариш меёбад.

Бо ин орзуҳои нек таманнои онро менамоем, ҳар фарди ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун шаҳрванди ин кишвари биҳишосо дар ободию суботи он бо меҳнати содиқонаву самимона саҳмгузор бошанд. Ба Шумо ва аҳли хонадонатон ҷашни Сада - ҷашни Хуршед муборак бошад!



# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, барои ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён, аспирантону докторантон ва қишрҳои дигари ҷомеа, ки ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин, ихтироъкориву навоварӣ шавқу рағбат доранд, чораҷӯйӣ карда, ғолибонро бо ҷоиза ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории Озмуни мазкур 9 870 000 (нуҳ миллиону ҳаштсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпараsти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 январи соли 2026, №АП-950**




# Рӯйдодҳои ҳафт рӯзи донишгоҳ

## ДАР ДОНИШГОҲ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН ОҒОЗ ГАРДИД

***Яке аз василаҳои муҳиму самарабахши таълим ба нақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии дохилӣ ва берунӣ барои устодони донишгоҳ ба ҳисоб меравад.***

Бо ин мақсад аз 15-ум то 31-уми январи соли 2026 дар асоси нақша-чорабиниҳои Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав курси такмили ихтисоси сайёр ташкил ва гузаронида мешавад.



Тибқи нақша дар машғулиятҳои таълимии курси такмили ихтисос аз рӯйи равияи “Усулҳои фаъоли таълим” барои омӯзгорон тарзу усули омода намудани маводи мултимедиавӣ, омӯзиши усулҳои фаъоли таълим тавассути технологияи муосир, методологияи таълими инноватсионӣ, сиёсати давлат дар самти пешгирӣ ва мубориза бо терроризм, экстремизм ва коррупсия омӯзонида мешавад. Ба омӯзгорон устодони варзида-профессор Ҳ. Мирзозамонзода, дотсентон Ш. Тағоев, С. Мавлоназаров, Л. Назирӣ машғулият мегузаронанд.

Дар курси мазкур устодони варзида усулҳои истифода намудани воситаҳои техникии таълимро ба омӯзгорон омӯзонида, таъкид доштанд, ки бояд ҳар як устод мувофиқ ба талаботи замони муосир аз ин василаҳо самаранок истифода бурда тавонанд. Дар курси мазкур беш аз 30 нафар омӯзгорон фаъолона ширкат варзида, соҳиби шаҳодатномаи курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мегарданд.

## АЗ БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ ШУРОИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ

***Санаи 13-уми январи соли 2026 дар толори китобхонаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти раёсати муовини ректор оид ба таълим Х.Ҳамдамзода ҷаласаи Шурои илмӣ- методӣ баргузор гардид. Дар кори ҷаласа мудирони кафедраҳо ва дигар шахсони масъул иштирок доштанд.***

Дар рафти баргузории ҷаласа масъалаҳои тарзу усул ва воситаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати дониши донишҷӯён зимни омӯзиш ва таълими фанни химия бо истифодаи маводҳои дидактикӣ, усулҳои ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии илмӣ-таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методии магистрантон, унвонҷӯён ва докторантҳо (PHD) ва натиҷаи иҷрои қарорҳои ШИМ-и донишгоҳ ва фаъолияти ШИМ-и факултетҳо дар таҳия ва пешниҳоди маводи таълимию методӣ дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.

Зимни суханронӣ раиси шуро Х.Ҳамдамзода иброз дошт, ки аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ то имрӯз масъалаҳои мактабу маориф ва омӯзгору хонанда таҳти таваҷҷуҳу ғамхории аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат қарор дошта, раванди ислоҳоти соҳаи маориф ва таҷдиду навсозӣ дар ҳама самтҳои он бомаром идома дорад.

Дар ҳар мулоқот Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли маорифи кишвар таъкид медорад, ки: «Шумо – муҳтарам омӯзгорон – ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки рисолати муқаддаси тарбияи инсон ва ташаккулдиҳии шахсиятро ба дӯш доред, ба фарзандони мардуми Тоҷикистон саводу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар меомӯзонед. ... Яъне ояндаи давлат, миллат ва Ватанро маҳз шумо месозед».

Дар робита ба таъкидҳо ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат мо, омӯзгорон бояд ба хулосае биёем ва дар таълиму илмомӯзии донишҷӯён бештар кӯшиш ба харҷ диҳем, кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгуро омода кунем, ба он боварии Пешвои миллат содиқ бимонем ва дар рушди илму маориф саҳми худро гузорем.

Сипас, аз рӯйи масъалаҳои зикршуда Назарзода Абдузоиромӯзгори кафедраи МТФТ, Шамсуллозода Холназар- намояндаи Раёсати илм ва инноватсия ва котиби шуро Акбар Ниёзӣ маъруза ва ахбор пешниҳод намуданд. Аз ҷумла Шамсуллозода Холназар- намояндаи Раёсати илм ва инноватсия зимни суханронӣ изҳор дошт, ки таҷрибаомӯзиҳои илмӣ-педагогӣ дар курси 2-юм нимсолаи 4 тибқи нақшаҳои таълимӣ аз 26.01.2026 то 21.02.2026 идома ёфта, 4 ҳафтаи таълимиро дар бар мегирад. Таҷрибаомӯзии илмӣ педагогӣ низ 4 ҳафта буда, аз 23.02.2025 то 20.03.2026 идома хоҳад ёфт. Айни ҳол дар донишгоҳ 443 нафар магистр таҳсил менамоянд, ки аз инҳо 256 нафар ба курси якум ва 187 нафар ба курси дуюм рост меояд.

Ҳамзамон дар донишгоҳ 46 нафар докторант аз рӯйи ихтисоси phd таҳсил менамоянд, ки аз инҳо 14 нафар ба курси якум, 20 нафар ба курси дуюм ва 12 нафар ба курси сеюм рост меояд. Дар асоси зербанди 36-и банди 6- Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2017 таҳти № 93 қабул шудааст, таҷрибаомузӣ дар раванди таҳсил баргузор хоҳад шуд.

Акбар Ниёзӣ -котиби шуро қайд намуд, ки дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2025-2026 чор




маротиба ҷаласаҳои ШИМ дар асоси нақшаи ҷомеи донишгоҳ дар вақти муайяншуда баргузор гардиданд. Дар се ҷаласаҳои шуро баромади устодони донишгоҳ Наимзода Б., Имомализода Б. ва Пиров А. доир ба мавзуъҳои “Нақши рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ”, “Нақши зеҳни сунъӣ дар ташаккули технологияҳои инноватсионӣ ва бозтоби ҳувияти миллӣ дар асари “Тоҷикон дар оинаи таърих”-и Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон” ва се гузориши гурӯҳи корӣ вобаста ба масъалаҳои матраҳгардида шунида, мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳамин тавр, дар ҷаласаҳои Шурои илмӣ-методии МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” дар нимаи аввали соли таҳсили 2025-2026 9 монография, 25 дастурҳои таълимӣ-методӣ, 41 барномаҳои таълимӣ, 11 маҷмуаи барномаҳои таълимӣ (158+41=199), 0 маҷмуаи мақолаҳо ва 14 саволномаҳои тестӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифта, барои чоп намудан тавсия дода шудааст.

Ҳаин тавр, дар анҷоми кори ҷаласа аъзои шуро, профессорон А.Гадозода А. Саторов ва чанде дигарон ба музокира баромада, доир ба масъалаҳои баррасишуда, андешаронӣ намуданд. Бо ҳамин ҷаласа кори худро ба анҷом расонид.

## САДА - ПАДИДАИ ФАРҲАНГИ АСИЛИ АҶДОДӢ

***Ҷашни Сада чун Наврӯзу Меҳргон рамзу ҳикмати хосеро доро мебошад. Он ба маънои гармию рӯшноӣ истиқбол шуда, сарҷамъии мардум дар ин рӯзи муборак боиси хурсандӣ, ифрози андешаю ниятҳои нек ва ҳам омодагии ҳамаҷониба ба киштукори баҳорӣ мегардад. Зеро ин иди куҳани аҷдодӣ ба рӯзе рост меояд, ки кишоварзону барзгарон аз пайи дарёфти навъҳои нави тухмӣ, нуриҳои минералӣ, доруҳои зиддизараррасонҳо ва маслиҳати мутахассисони соҳа ҳастанд.***




Хушбахтона, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни ниёгон яке аз идҳои расмии миллӣ шинохта шуда, ҳоло дар саросари ҷумҳурӣ бо шукӯҳу манзалати хос истиқбол мегардад. Ба шарофати баргузоршавии Ҷашни Сада дар тамоми ҷумҳурӣ намоиши маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили тухмию таҷҳизот, техника, нурию доруворӣҳо, доир шуда, кишоварзон ва мутахассисону олимони зиёд ба ҳам меоянд. Иди Сада ҳамчун муждаи омадани баҳор, Наврӯзи оламафрӯз ва рамзи ғолибияти гармӣ бар сардӣ дониста мешавад. Аз замонҳои қадим Иди Сада 50 рӯз пеш аз фарорасии Наврӯз, яъне рӯзи 10-уми баҳманмоҳ мувофиқ ба 30 январ ҷашн гирифта мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи январи соли 2023 дар паёми шодбошӣ бахшида ба ҷашни Сада қайд карданд: “Сада, ки аз давраҳои бостонӣ ҷашни зимистонии аҷдоди мо шуморида мешуд, дар қатори Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон дар фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик мақому манзалати шоиста дорад. Бо вуҷуди ҳикмату фалсафаи қадимаву амиқи худ, Сада бар асари омилҳои гуногун тайи асрҳои зиёд камранг ва ҳатто фаромӯш шуда, танҳо ба шарофати истиқлоли давлатӣ эҳё ва мақоми ҷашни миллии расмиро соҳиб гардид. Имрӯз ҷашни Сада чун падидаи фарҳанги асили аҷдодӣ ба як ҷузъи ҷудоинопазири худшиносӣ ва ифтихори миллии мо табдил ёфтааст”.

Сада обонрӯзи баҳманмоҳ, яъне 10-уми баҳман, мусовӣ ба 30 январ, ҷашн гирифта мешавад. Сада садумин рӯзи зимистон аст: аз ибтидои зимистон – аз 1 обон (23 октябр) то 10 баҳман (30 январ) сад рӯз ва аз 10 баҳман (30 январ) то Наврӯз (21 март) 50 шабонарӯз аст, ки бо шумори шабу рӯз адади 100 ташкил медиҳад. Имрӯз Сада ба ҷашни ҳамагонӣ ва сарҷамъии кишоварзону барзгарони ҷумҳурӣ мубаддал шуда, сабаби омодагии дастаҷамъонаю ҳамаҷониба ба киштукори баҳорӣ мегардад.

**«Фурӯғ»**



# СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ - МУҲАРРИКИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Соҳибкории истеҳсолӣ ба истеҳсоли молҳо нигаронида шуда, дар бахши воқеии иқтисодиёт ҷойҳои нави кориро ташкил менамояд ва боиси рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат мегардад.***

Айни замон, афзоиши натиҷаҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорон дар соҳаҳои воқеии хоҷагии халқ омили асосии муайянкунандаи афзоиши боигарии миллӣ ва зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин аз тарафи давлат ба ин бахши иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 16.12.2025 ироа гардид, оид ба зарурияти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкидҳо намуданд. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки аз 143 миллиард сомонии ҳамчун қарз пешниҳодшуда, ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест. Дар ҳақиқат, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ, қадами устувор дар самти ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад, Президенти мамлакат ба низоми бонкии мамлакат супориш доданд, ки ҷиҳати таъмини молиявии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро бо фоизҳои дастрас зиёд намоянд ва ба барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод намуданд, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад. Фонди кафолати қарзҳо ин як механизми давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна мебошад, ки дар он давлат дар ҳолати нарасидани маблағи гарав қисман ҳамчун зомин баромад менамояд ва бо ин роҳ як қисми қарзро ҷуброн намуда, хавфи бонкиро паст менамояд ва рушди иқтисодиётро ҳавасманд менамояд. Ин як дастгирии навбатӣ аз тарафи Президенти мамлакат ба соҳибкорони дар бахши истеҳсолӣ фаъолияткунанда ба ҳисоб меравад, чунки дар шароити имрӯза масъалаи таъминоти молиявии фаъолияти соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Соҳибкорон дар баробари доштани қобилиятҳои хуби ташкили кор, дуруст муайян намудани вазъи бозор, бояд ба воситаҳои қарзии арзон низ дастрасӣ дошта бошанд.

Дастгирии молиявии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бояд аз маблағгузории мақсадноки лоиҳаҳои истеҳсолӣ, инноватсионӣ дар шакли қарзҳо аз ҳисоби буҷет, таъминоти молиявии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хурд тавассути истифодаи воситаҳои ҳозиразамони иҷораи молиявӣ (лизинг), факторинг ва франчайзинг, қисман ҷубронкунии фоизҳои қарзҳои субъектҳои соҳибкории истеҳсолии хурд, ки онҳоро ташкилотҳои қарзию молиявӣ додаанд, иборат бошад.

Дар баробари ин, истифодаи сармоягузорӣ ба сифати унсури асосии комёб гардидан ба рақобатпазирии соҳибкории истеҳсолии хурд имконият медиҳад, ки афзалиятҳои рақобатии нисбатан боло ба даст оварда шаванд. Аз ин лиҳоз, мақсади гузошташуда коркарди механизми самараноки ҷалби захираҳои инвеститсионии ҳам дохила ва ҳам берунаро тақозо менамояд.



**Зафар Мирализода,
мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ**

# СОЛИ 2026 – СОЛИ БУНЁДКОРӢ ВА ТАҚВИЯТИ ХУДОГОҲӢ

***Бо ташаббус ва сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2026 ҳамчун соли бунёдкорӣ ва тақвияти худогоҳӣ эълон гардид. Ин иқдоми муҳим бозгӯи марҳалаи нави рушди ҷомеаи тоҷик буда, ҳадафи он таҳкими ваҳдати миллӣ, боло бурдани сатҳи маърифати шаҳрвандон ва густариши корҳои созандагӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат мебошад.***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон марҳалаҳои душворро паси сар намуда, имрӯз ба роҳи рушди устувор ворид шудааст. Бунёдкорӣ ҳамчун мафҳуми фарогир на танҳо сохтмони иншооти азим, роҳу пулҳо, мактабҳо, беморхонаҳо ва корхонаҳои истеҳсолиро дар бар мегирад, балки бунёди тафаккури нав, иқтисодиёти рақобатпазир ва ҷомеаи масъулиятшиносро низ ифода менамояд.

Эълон гардидани соли 2026 ҳамчун соли бунёдкорӣ, моро водор месозад, ки ба корҳои созанда бо диди тоза назар андозем, захираҳои дохилиро самаранок истифода бурда, дар ободии ҳар як гӯшаи Ватан саҳмгузор бошем. Хусусан, барои вилояти Хатлон, ки дорои имкониятҳои бузурги кишоварзӣ, саноатӣ ва сайёҳӣ мебошад, ин сол метавонад ба як марҳалаи нави рушд табдил ёбад.

Худогоҳии миллӣ яке аз арзишҳои асосии давлатдории муосири тоҷикон ба шумор меравад. Тақвияти худогоҳӣ маънои дарк намудани таърих, фарҳанг, забон, суннатҳо ва манфиатҳои миллиро дошта, шаҳрвандонро ба эҳсоси масъулият нисбат ба ояндаи кишвар ҳидоят менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид намудаанд, ки бе худогоҳии миллӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ пешрафти ҷомеа ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар соли 2026 бояд таваҷҷуҳ ба тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон, боло бурдани сатҳи дониш, рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ боз ҳам бештар гардад.

Дар раванди тақвияти худогоҳӣ соҳаҳои маориф ва фарҳанг нақши калидӣ мебозанд. Омӯзгорон, зиёиён, аҳли фарҳанг ва васоити ахбори омма вазифадоранд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ғояҳои созанда, ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро тарғиб намоянд. Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеа мебошанд. Соли бунёдкорӣ ва тақвияти худогоҳӣ пеш аз ҳама ба онҳо равона шудааст. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон, ҷалби онҳо ба корҳои созанда ва ташаббусҳои иҷтимоӣ кафолати рушди минбаъдаи давлат мебошад.

Дар вилояти Хатлон имрӯз ҳазорҳо ҷавонон дар соҳаҳои гуногун фаъолият намуда, дар ободонии диёр саҳм мегузоранд. Дастгирии ташаббусҳои ҷавонон дар соли 2026 метавонад ба пайдоиши ғояҳои нав ва лоиҳаҳои бунёдкорона замина гузорад. Эълон гардидани соли 2026 ҳамчун соли бунёдкорӣ ва тақвияти худогоҳӣ даъвати нав ба ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст. Ин сол бояд соли амали созанда, андешаи солим ва масъулияти шаҳрвандӣ гардад. Танҳо бо иттиҳод, худшиносӣ ва меҳнати содиқона метавонем Тоҷикистони азизро боз ҳам ободу пешрафта гардонем.

Бовар дорем, ки мардуми сарбаланди вилояти Хатлон, чун ҳамеша, дар татбиқи ҳадафҳои олии ин ташаббуси миллӣ фаъолона саҳм гузошта, бо дастовардҳои шоиста ба истиқболи ояндаи дурахшони Ватан хоҳанд рафт.



**Мансур Нуралиев,
дотсенти кафедраи психология, факултети педагогика ва варзиш**

# ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПЕШВО

***Барои истиқболи сазовор аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, вусъат бахшидан ба корҳои ободониву созандагӣ, боло бурдани ҳисси ифтихор аз таърихи қадимии миллати тоҷик аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2026 "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" эълон карда шуд.***

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ инъикосгари натиҷаву дастовардҳо ва роҳнамои дурусти рушду инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда мебошад. Яке аз супоришҳое, ки Пешвои миллат иҷрои онро барои соли оянда муҳим арзёбӣ намуданд, ин сазовор истиқбол ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад. Албатта, матраҳ гардидани чунин масъалаи муҳим дар чунин вазъияти глобалии ноором беҳуда нест. Чунин вазъият моро боз ҳам водор месозад, ки то чӣ андоза ганҷинаи пурарзиши сиёсиро доро ҳастем. Мо бояд хурду бузург ҳама ҷиҳат омодагии худро барои таҷлили ин ҷашни муқаддаси таърихиамон нишон диҳем, чунки дар сатҳи баланд ва бо шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани он нишонаи масъулиятпазирии моро дар баробари арзишҳои сиёсиамон нишон медиҳад.

Тӯли панҷ соли охир тамоми қишрҳои ҷомеа барои сазовор ҷашн гирифтани ин саннаи таърихӣ бо ҷону дил талош намуда, саҳми худро дар самтҳои гуногун гузошта истодаанд.Чуноне ки Пешвои миллат қайд карданд, аз 29 ҳазор иншооту биноҳои ба ифтихори ҷашни 35-солагӣ ба нақша гирифташуда, то имрӯз 26 ҳазори онҳо ба истифода дода шуданд, ки беш аз 70 фоизашон аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандони бонангу номуси кишвар бунёд шудаанд. Инчунин умед ҳаст, ки то ҷашни муқаддаси миллӣ шумораи онҳо аз 30 ҳазор мегузарад.

Дар ҳаққиқат, аз чунин вазъияти босубот ва сулҳу оромӣ истифода бурда, бояд барои боз ҳам зебо гардонидани симои кишвар иншоотҳои нав ба нав ва замонавиро сохта ба истифода диҳем. Барои қарзи шаҳрвандии худро иҷро кардан дар дуртарин деҳоти кишвар корҳои ободониву созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем. Дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат худшиносии баланди миллӣ нишон дода, дар ҷашнвораи таърихии худ иштироки фаъол дошта бошем.

Мо, мардуми тоҷик аз азал бо нангу номус ва қудрату тавоноии асил то ба чунин саҳифаи равшани таърих омадаем. Бо итминони комил гуфта метавонем, ки ин ҷашни пурарзиши худро низ бо рӯҳияи ватандӯстона ва омодагии ҳамаҷониба дар канори Пешвои сулҳпарвару созандаи худ бо сари баланд мегузаронем. Масъулияти худро ҷиҳати иҷрои ин супориши басо муҳим аз тозаю озода нигоҳ доштани манзилу коргоҳи худ ва орову торо додани он оғоз мекунем. Чун худ соҳиби тамаддуну фарҳанги беш аз шашҳазорсола ҳастем, аз пайравӣ ба хурофоту ифротгароӣ ва тақлид ба фарҳанге, ки бароямон бегонаву хатарнок аст худдорӣ менамоем. Мо танҳо бо муттаҳидию сарҷамъӣ, заҳмату талош ва пайравӣ ба Пешвои ғамхори худ то ба чунин рӯзҳои нек расидаем.

Барои расидан ба ормонҳои миллӣ, боз ҳам пешрафтатар кардани Ватани азизи худ ва баланд бардоштани обрӯйи давлатамон дар арсаи байналмиллалӣ аз пештара дида бештар кӯшишу заҳмат кашидан лозим аст. Ҳамаи инро метавон аз омодагии хуби худ барои таҷлили ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат нишон диҳем.



**Маҳмараҷаб Савзалиев,
омӯзгори литсейи назди донишгоҳ**

# НАҚШИ ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ ДАР НЕКУАҲВОЛИИ ШАҲРВАНДОН

***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аҳамияти хоса доданд.***

Пешвои миллат дар Паёмашон иброз доштанд, ки барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардум ва тавсеаи имкониятҳои дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ зарур аст, ки механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекиро такмил дода, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми чунин қарзҳо ба аҳолӣ тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

Ба андешаи Пешвои муаззами миллат дар шароити иқтисоди бозорӣ қарзҳо яке аз воситаҳои муҳимми беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравант. Аз ҷумла, қарзҳои ипотекӣ барои хариди хонаҳои истиқоматӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ барои кормандон нақши муҳим доранд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки эҳтиёҷоти асосии шаҳрвандон қонеъ гарданд.

Қарзҳои ипотекӣ барои хариди хонаҳои истиқоматӣ асосан барои кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии ниёзманд пешбинӣ шудаанд. Ҳадафи асосии ин қарзҳо таъмин намудани кормандон бо манзили зисти дастрас мебошад. Хусусиятҳои асосӣ қарзҳои ипотекӣ ин фоизи нисбатан паст, муҳлати дарози пардохт ва дастгирии давлатӣ ё имтиёзҳои махсус аст.

Афзалиятҳои қарзҳои ипотекӣ ин имкони соҳиби манзил шудан бе доштани маблағи калон, муҳлати дарози пардохт ва имкони беҳтар намудани шароити зист. Аҳамияти иҷтимоии қарзҳои ипотекӣ беҳтар шудани сатҳи зиндагии кормандон, баланд гардидани ҳавасмандии касбӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ мебошад.

Давлат бо ҷорӣ намудани барномаҳои манзилии иҷтимоӣ ва дастгирии ипотекӣ имтиёзнок ба ҳалли масъалаи манзили кормандон мусоидат менамояд. Бонкҳо бошад бо пешниҳоди маҳсулоти қарзии мувофиқ дастрасии аҳолиро ба манзил васеъ мегардонанд.

Қарзҳои ипотекӣ барои кормандон воситаҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ мебошанд. Дар бисёр кишварҳо қарзҳои ипотекӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳанд, ки бо шароити дастрас соҳиби манзили шахсӣ гарданд. Қарзҳои ипотекӣ ва қарзҳо барои хариди хонаҳои истиқоматӣ барои кормандон аҳамияти калони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд. Истифодаи оқилонаи ин қарзҳо метавонад ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ, ҳавасмандии меҳнатӣ ва рушди устувори ҷомеа мусоидат намояд.



Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки шаҳрвандон имкониятҳои молиявии худро дуруст арзёбӣ намуда, қарзҳоро бо масъулият истифода баранд.

**Хайрзода Фирдавс,**
**омӯзгори кафедраи фаъолияти бонкӣ**

# ТАВАҶҶУҲ БА МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

***Истиқлол барои ҳар як миллат рамзи озодӣ, худшиносӣ ва қудрати идораи мустақили давлат аст. Барои мардуми тоҷик, Истиқлолият на танҳо як рӯйдоди сиёсӣ, балки нишонаи эҳёи миллӣ ва ормони чандинсараи озодӣ мебошад.***

Истиқлол волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ, ҳамфикриву ҳамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик ва Тоҷикистони азиз овард. Даврони истиқлол роҳи имрӯзиояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Маҳз бо шарофати ба даст овардан истиқлолият ба наврасону ҷавонони мо имконят фароҳам омад, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф диҳанд, ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, пешсаф бошанд ва ба сӯйи ояндаи нек устуворона қадам гузоранд.

Дар замони 34 соли бобарору файзбахш дар тамоми бахшҳои хоҷагии халқ дигаргунӣ ва пешравиҳои назаррас ба амал омад, аз ҷумла соҳаи маориф ва илми кишвари азизамон дастовардҳои назаррасеро соҳиб гардидааст. Ҳамеша ин соҳаи ҳаётан муҳими ҷомеа пайваста дар зери таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Асосгзори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва ин соҳаро «Омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат» унвон кардаанд. Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат барои беҳтар шудани вазъи сифат ва таълиму тарбия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои муҳим қабул гардид, ки ин рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва илмро таъмин менамоянд.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Асосгзори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири наслҳои оянда дар хусуси таъсиси мактаб-интернатҳо барои хонандагони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷкистон ва муқаррар намудани имтиёзҳо барои кормандони соҳаи маориф як қатор қарорҳо ба имзо расонида шудаанд.

Дар замони истиқлолият дастоварди донишҷӯёни тоҷик дар олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ назаррас мебошад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори муввафақтарин давлатҳои дунё дар ин самт қарор гирифтааст. Ҳамчунин барномаҳои гуногун қабул гардидаанд, ки ба густариши соҳа мусоидаат хоҳанд кард. Бояд таъкид ба амал овард, ки дар замони истиқлол қариб дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ биноҳои нави таълимӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Рушди устувори соҳаи маориф аз афзоиши маблағгузории он вобаста аст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ маблағгузорӣ ба соҳа афзоиш ёфта, музди маоши кормандон зина ба зина зиёд карда шуда истодаанд.

Бояд гуфт, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тамоми шароит барои илмомӯзӣ ва ба таҳсил фаро гирифтани наврасону ҷавонон фароҳам оварда шудааст. Аз ин рӯ, мо омӯзгорони ҷавонро мебояд пайваста дар пайи омӯзиши илм бошем ва ба рушду пешрафти Ватани азизамон саҳмгузорӣ намоем, Истиқлолияти давлатиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз ва ҳимоя кунем.



**Парвиз Қодиров,**
**магистранти курси 1-уми ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ**




# РУҲИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ДАР ҲАР ХОНАВОДАИ ТОҶИК

***Ба мардуми шарифи Тоҷикистони азиз боз як иқдоми беназири Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро табрик мегӯем! Халқи шарифи Тоҷикистонро табрик карда, ба дилу ният, дасту қалб, сиришти поку беолоиш ва ақлу хиради расои Пешвои муаззам таҳсину офарин мегӯем. Воқеан, туҳфаи “Шоҳнома”-и беназири мутафаккири бузурги халқи тоҷику форс Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби Президенти мамлакат ба ҳар як хонадони тоҷик боиси ифтихору сарфарозии ин миллати куҳантаъриху куҳанбунёд аст.***

**АБДУРАҲИМОВ Қ.С.,**
**профессор**



Дар ҳақиқат, ин иқдоми неки навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфаест ба монанди худи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ бемислу монанд ва беназир барои ҳар як хонаводаи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бояд ёдовар шуд, ки чанде пештар шоҳасари таърихии аллома Б. Ғафуров -“Тоҷикон”, ки баҳри худшиносии миллӣ, омӯзиш, таҳлил ва хулосабандии амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик мусоидати тому мукаммал дорад, ба муносибати ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар хонаводаи кишвар тақдим гардида буд.

Имрӯзҳо туҳфаи навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне “Шоҳнома”-и беназири Фирдавсӣ, ки ба ифтихори таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар хонаи халқи шарифи Тоҷикистонро зиннат хоҳад бахшид, ба ҳар як хурду бузурги халқи кишвар туҳфаи арзандаву мондагор ва хушнудкунанда мебошад.

Дар асл, китоб ин ҳикмат, хирад, ақл, огоҳӣ, дониш, илм, ҷаҳонбинӣ ва неруи бузурги дилхоҳ халқу миллат аст. Бинобар ин, мутафаккирони бузурги халқи тоҷик ин нуктаро бо хубӣ дарк намуда, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки маҳз ба воситаи китоб наслҳои хешро дар руҳияи ҳисси инсондӯстӣ, башардӯстӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, халқу миллат, некиву накукорӣ, сулҳу оромӣ, бунёдкориву созандагӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва озодиву озодихоҳӣ ба камол расонанд. Аз саҳфаҳои таърихи қадимаи халқамон маълум аст, ки мардуми тоҷик, ки аслан китобдӯстанд, маҳфилу ҷамъомадҳои зиёди илмиву амалии фарҳангӣ, аз қабили афсонаву қиссагӯӣ, шеъру шеърхонӣ, байтбараку чистонгӯӣ ва монанди инро ташкилу мегузарониданд.

Боиси хурсандӣ ва ифтихор аст, ки мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик дар тули таърихи тамаддуни башар бо осори беназиру ҷовидонаи илмиву адабии хеш дар ҷаҳон маълуму машҳур гаштаанд. “Шоҳнома” ин шоҳасаре мебошад, ки аз илму донишу ақлу хирад, зиндагӣ, ҳикмат, тамаддун ҷаҳонбинӣ, инсонгароӣ, одаму одамгарӣ, фарҳанг, маданият, ҳувият, ору номус, маънавиёт, ахлоқ, некиву накукорӣ, муқаддасот ва арзишҳои миллии инсонии волои халқи тоҷику форс шаҳодат медиҳад. Ин асаре аст, ки бемислу монанд, беназир ва беҳамтост. Боварии кас намеояд, ки чунин шоҳасари бузурги ҳама давру замонро ҳазор сол қабл як шахс, як инсон ва як нафар, яъне фарзанди халқи тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ иншо кардааст.

“Шоҳнома” асарест, ки инсонро ба сӯи ворастагӣ, сулҳу салоҳ, инсондӯстиву башардӯстӣ, ватандӯстиву ватандорӣ, некиву накукорӣ, ваҳдату ягонагӣ, бунёдкориву созандагӣ, хушбахтиву саодатмандӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва мубориза бурдан бар зидди қувваҳои баддӣ, зулму истибдод ва беинсофиву беадолатӣ даъват мекунад.

Файласуфи бузург бо “Шоҳнома”-и худ бори дигар ба оламиён исбот намуд, ки тамаддуни мардуми ориёнажод, аз ҷумла тоҷикон, дар илму адаб, фарҳангу маърифат, маънавиёту ахлоқ ва ҳикмати зиндагии инсонӣ ва манзумаи фитриву фикрӣ мақому манзалати олитаринро соҳиб аст. Ин андешаро худи Фирдавсии бузургвор дар шоҳасараш чунин овардааст:

**Биноҳои обод гардад хароб**
**Зи борону аз тобиши офтоб.**
**Пай афкандам аз назм кохе баланд**
**Ки аз боду борон наёбад газанд.**

Бояд таъкид намуд, ки ин баҳоро на танҳо худи ҳакими бузург додаасту халос. Халқи тоҷик ва таъсири тамаддуни онро намояндагони аҳли сиёсат илму адаб ва фарҳанги намояндагони ақлу хиради дигар халқҳо дарк карда, ба ин баҳо ва қадрдонӣ ҳамовоз гаштаанд. Масалан, дар ин боб И. Сталин чунин изҳори андеша кардааст: “Ман мехоҳам чанд сухане дар бораи тоҷикон бигӯям. Тоҷикон халқи махсусанд. Онҳо на ӯзбеканду на қазоқу на қирғиз. Онҳо тоҷиканд. Аз ҳама қадимтарин халқи Осиёи Миёна. Тоҷик маънои тоҷдор буданро дорад ва тоҷикон сазовори ин ном ҳастанд. Аз тамоми халқҳои мусулмони Иттиҳоди Шуравӣ тоҷикон ягона халқияти Эрониаанд, на туркӣ. Тоҷикон халқе ҳастанд, ки аз байни равшанфикронашон шоири бузург Фирдавсӣ баромадааст ва беҳуда нест, анъанаҳои фарҳангии онҳо аз ӯ сарчашма мегиранд... Тоҷикон халқи махсус ва дорои фарҳанги бой мебошанд”.

Ё худ, дар ин ҷо боз суханони нависандаи шинохтаи Туркманистон - Бердӣ Карбобоевро меорем, ки чунин гуфтааст: “Мардуми тоҷик асрҳои аср дар байни халқҳои ашроф хатту савод, фарҳанг, одоб, расму русум ва дигар арзишҳои маънавии умумибашариро паҳн кардаанд. То Инқилоби Октябр дар урбаи туркманҳо, қишлоқи ӯзбекҳо, дар авули қазоқҳою қирғизҳо ҳар ҷо мактабе бошад, аксаран мактабдор аз тоҷикон буданд, ҳар ҷо муллое ба назар расад, низ аксаран тоҷик буд, калонтарин мулоҳои ин халқҳо ҳамонҳое буданд, ки дар мадрасаҳои Бухоро дар назди мударрисони тоҷик таҳсил дидаанд. Тоҷикон муаллими ҳамаи мо, устоди моанд”.

Дар ин росто бояд нуктаи муҳимми дигарро зикр намоем, ки Абулқосим Фирдавсӣ асари ҷовидона “Шоҳнома”-и худро ғолибан ба забони тоҷикӣ – форсӣ - дарӣ навиштааст. Устод С. Айнӣ дар мақолаи “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳномаи ӯ” дар бораи забони ин шоҳасар чунин навиштааст: “Забони “Шоҳнома” содатарин ва софтарини забонҳои классикони Эрон аст”.

Ҳамин тавр, “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ сарчашмаи арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, саропо аз панду андарз, ҳикмату ахлоқ, илму дониш ва маърифат иборат аст, ки онҳоро дар шароити рушди ҷомеаи муосир метавонем самаранок истифода намуда, ба роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои раванди таълиму тарбияи насли имрӯзу оянда рушд бахшида, ҳамзамон ба талаботи замони имрӯза ҳамоҳанг созем.

***(Давомаш дар саҳ. 5)***

# ДАРСИ КУШОД: АЗ МАШҒУЛИЯТИ НАМУНАВӢ ТО МАКТАБИ РУШДИ КАСБӢ

***Дар шароити муосири таҳсилот дарси кушод на танҳо як машғулияти намунавӣ, балки минбари намоиши тафаккури педагогӣ, маҳорати касбӣ ва навоварии омӯзгор ба шумор меравад. Он ҳамчун воситаи муҳими табодули таҷриба, худбаҳодиҳӣ дар такмили раванди таълим нақши калидӣ мебозад.***

Дарси кушод шакли махсуси дарс мебошад, ки бо ҳузури омӯзгорони дигар, маъмурият ё мутахассисон гузаронида мешавад. Ҳадафи асосии он на нишон додани «беайбӣ», балки ошкор сохтани усулҳои самараноки таълим, роҳҳои ҳавасмандсозии хонандагон ва татбиқи методҳои муосир дар амал аст.

Дарси кушод омӯзгорро водор месозад, ки ба фаъолияти худ аз зовияи дигар назар афканад, қадам ба қадам ҷараёни дарсро таҳлил намояд ва ба ин саволи муҳим ҷавоб ҷӯяд: оё дарси ман ба талаботи замон ҷавобгӯ аст?

Дарси кушод шакли махсуси ташкили машғулият буда, на танҳо барои арзёбии фаъолияти омӯзгор, балки пеш аз ҳама, барои табодули таҷриба, омӯзиш дар амал ва рушди касбӣ хизмат мекунад. Он имконият фароҳам меорад, ки омӯзгорон фаъолияти худро таҳлил намоянд, усулҳои навро озмоиш кунанд ва ба талаботи муосири таълим мутобиқ гардонанд.

Дар шароити муосири рушди маориф дарси кушод аз доираи як машғулияти оддӣ берун рафта, ба яке аз шаклҳои муҳими такмили ихтисоси омӯзгорон табдил ёфтааст. Тибқи Консепсияи таҳсилоти муттасил, такмили ихтисос ҳамчун раванди доимӣ, марҳилавӣ ва вобаста ба таҷриба, ниёз ва сатҳи касбии омӯзгорон баррасӣ мегардад. Дар ҳамин замина, дарсҳои кушод яке аз шаклҳои муассири ин раванд маҳсуб ёфта, вобаста ба категорияи омӯзгорон мақсад ва вазифаҳои гуногунро дар бар мегиранд.

Баргузории дарсҳои кушод аз ҷониби омӯзгорони пуртаҷриба асосан ба намунаофарӣ ва интиқоли таҷрибаи пешқадам нигаронида шудааст. Дар чунин машғулиятҳо онҳо метавонанд амсилаи намунавии дарсро мутобиқ ба талаботи муосири таълим пешниҳод намоянд, роҳҳои истифодаи усул ва технологияҳои инноватсиониро нишон диҳанд ва фарҳанги баланди педагогиро таблиғ созанд. Барои дигар омӯзгорон, махсусан омӯзгорони ҷавон, чунин дарсҳо ҳамчун мактаби зиндаи таҷриба хизмат мекунанд. Дар ин раванд омӯзгори пуртаҷриба бояд на ҳамчун шахси «санҷидашаванда», балки ҳамчун роҳнамо ва мушовир бароромад кунад. Муҳити эътимоднок ва созанда имкон медиҳад, ки иштирокчиён озодона фикр иброз намоянд, савол диҳанд ва аз таҷрибаи якдигар омӯзанд.



Маҳз ҳамин гуна муносибат ба ташаккули муҳити ҳамкории илмӣ-методӣ дар кафедра ва факултет мусоидат мекунад.

Барои омӯзгорони ҷавон дарси кушод, пеш аз ҳама шакли омӯзиш дар амал мебошад. Он ба омӯзгорони ҷавон имконият медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар шароити воқеии таълим санҷанд, сохтор ва методикаи дурусти дарсро азхуд намоянд ва маҳорати идоракунии машғулиятро такмил диҳанд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд аз омӯзгорони пуртаҷриба машварат ва тавсияҳои методӣ гирифта, қобилияти таҳлил ва худбаҳодиҳии фаъолияти худро рушд диҳанд. Агар дарси кушод ҳамчун санҷиш гузаронида шавад, омӯзгори ҷавон бештар ба хато накардан меандешад, на ба омӯзиш. Дар натиҷа, имконияти рушди касбӣ маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, муносибати омӯзишӣ ва дастгирикунанда ба дарсҳои кушод барои ташаккули мутахассиси ҷавон ба воситаи муҳими рушд ва худтакмилдиҳӣ табдил меёбад.

Муваффақияти дарси кушод, пеш аз ҳама ба омодагии ҷиддии омӯзгор вобаста аст. Ин омодагӣ танҳо навиштани нақша нест, балки интихоб намудани мақсадҳои аниқ, усулҳои мувофиқ, маводи дидактикӣ ва шаклҳои фаъоли кор бо донишҷӯёнро дар бар мегирад. Омӯзгори эҷодкор кӯшиш мекунад, ки дар дарси кушод: фаъолияти донишҷӯёнро дар маркази таваҷҷуҳ қарор диҳад; саволу ҷавоб ва муҳокимарониро фаъол созад; технологияҳои муосири таълимро истифода барад; фазои ҳамкорӣ ва эътимодро ба вуҷуд оварад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ин раванд, масъалаи таҳлил ва арзёбии дарсҳо аҳамияти хосса касб мекунад.

Самаранокии дарсҳои кушод аз сатҳи таҳлил ва арзёбии онҳо вобастагии зич дорад. Арзёбӣ бояд холисона ва созанда сурат гирифта, ба омодагии омӯзгор, сатҳи илмӣ ва методии машғулият, фаъолияти донишҷӯён, истифодаи воситаҳои таълимӣ ва натиҷабахшии дарс нигаронида шавад. Муҳокимаи натиҷаҳо дар ҷаласаҳои кафедраҳо бояд бо рӯҳияи ҳамкорӣ ва дастгирӣ сурат гирад.

Барои таъмини арзёбии воқеӣ ва холисонаи дарсҳои кушод истифодаи меъёрҳои илмӣ-асоснок зарур аст. Арзёбӣ метавонад аз рӯи самтҳои зерин анҷом дода шавад:

- Омодагӣ ба дарс – мутобиқати нақша ба барнома, равшан будани ҳадафҳо.
- Сатҳи илмӣ ва методӣ – дурустии илмии мавод, истифодаи усулҳои муосир.
- Фаъолияти донишҷӯён – иштирок дар муҳокима, корҳои гурӯҳӣ ва рушди тафаккури мустақил.
- Истифодаи воситаҳои таълимӣ – мувофиқати маводи аёнӣ ба мавзуъ.
- Муносибати педагогӣ – фарҳанги муошират, идоракунии вақт ва интизом.
- Натиҷабахшӣ – сатҳи дарки мавзуъ ва робитаи он бо машғулиятҳои минбаъда.

1. Тавсияҳо бо мақсади таъмини мувозинат дар баргузории дарсҳои кушод ва баланд бардоштани самаранокии раванди арзёбӣ:

- Ҳангоми таҳияи ҷадвали дарсҳои кушод ба фарогирии баробар ва мутавозини ҳамаи шаклҳои машғулиятҳо, аз ҷумла лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ ва КМРО таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.
- Мудирони кафедраҳо ҷараёни баргузории дарсҳои кушодро назорат намуда, омӯзгоронро ба интихоби шаклҳои гуногуни машғулиятҳо барои дарсҳои кушод ҳавасманд намоянд.
- Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, махсусан дар самти истифодаи усулҳои фаъоли таълим, баргузории дарсҳои кушоди семинарӣ ва амалӣ афзалиятнок шуморида шавад.
- Натиҷаҳои таҳлили дарсҳои кушод дар шаклҳои гуногуни машғулиятҳо мавриди муҳокимаи ҷаласаҳои кафедраҳо қарор дода шуда, хулосаҳои дахлдор барои такмили раванди таълим қабул гарданд.

2. Тавсияҳо бо мақсади такмили низоми таҳлил ва арзёбии машғулиятҳо ва фароҳам овардани имконияти баррасии ҳамаҷонибаи фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён:

- Шакл ва муҳтавои варақаҳои таҳлил ва арзёбӣ бознигарӣ гардида, нишондиҳандаҳои мушаххас вобаста ба фаъолияти донишҷӯён (сатҳи иштирок, фаъолият, фаҳмиши мавод, иҷрои вазифаҳои амалӣ) ва фаъолияти омӯзгорон (усулҳои таълим, идоракунии машғулият, истифодаи воситаҳои таълимӣ) илова карда шаванд.
- Дар варақаҳои арзёбӣ меъёрҳои вобаста ба хусусиятҳои фанҳои тадрисшаванда пешбинӣ гарданд, то ки имконияти таҳлили фарқиятҳои фаннӣ ва усулҳои махсуси таълим таъмин карда шавад.
- Омӯзгорон ва шахсони масъул ҷиҳати дуруст ва пурра пур кардани варақаҳои таҳлил ва арзёбӣ бо дастурамалҳои методӣ таъмин карда шаванд.
- Натиҷаҳои таҳлил ва арзёбии машғулиятҳо дар ҷаласаҳои кафедраҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси онҳо чораҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим андешида шаванд.

3. Тавсияҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва амалӣ будани тавсияҳои омӯзгорони иштирокдошта дар дарсҳо:

- Омӯзгорон ҳангоми пешниҳоди тавсияҳо ба ҷанбаҳои мушаххаси мушоҳидашудаи дарс, аз ҷумла сохтори машғулият, усулҳои таълим, иштироки донишҷӯён ва истифодаи воситаҳои таълимӣ такя намоянд.
- Дар ҷараёни таҳлили дарсҳо истифодаи шакли стандартии пешниҳоди тавсияҳо ҷорӣ карда шавад, ки дар он мушкилот, сабабҳо ва роҳҳои беҳбудӣ ба таври равшан нишон дода шаванд.
- Барои омӯзгорон семинарҳо ё машғулиятҳои методӣ оид ба таҳияи тавсияҳои асоснок ва ҳадафманд ташкил карда шаванд.
- Тавсияҳои пешниҳодгардида дар ҷаласаҳои кафедраҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, тавсияҳои беҳтарин ҳамчун таҷрибаи намунавӣ истифода гарданд.

Аҳамияти дарси кушод танҳо ба як омӯзгор маҳдуд намешавад. Он барои дигар омӯзгорон низ мактаби таҷриба аст. Мушоҳидаи дарс, таҳлил ва муҳокимаи он имконият медиҳад, ки таҷрибаи пешқадам паҳн гардад, камбудиҳо ошкор шаванд ва роҳҳои беҳтарсозии раванди таълим муайян карда шаванд.

Дарси кушод санҷиши ҷасорат, масъулият ва касбияти омӯзгор аст. Он нишон медиҳад, ки омӯзгор то чӣ андоза омода аст омӯзад, омӯзонад ва рушд кунад. Агар дарси кушод бо нияти такмил, навоварӣ ва ҳамкорӣ баргузор гардад, он бешубҳа ба баланд бардоштани сифати таълим ва обрӯи касбии омӯзгор мусоидат хоҳад кард.

Дарси кушод ин танҳо дарс нест, ин паёми омӯзгор ба ҷомеаи омӯзгорон аст.

**Алиаҳмад Гулов,**
**саромӯзгори**
**кафедраи педагогика**

# РУҲИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ДАР ҲАР ХОНАВОДАИ ТОҶИК

***(Аввалаш дар саҳ. 4)***

Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”- и хеш насли имрӯзу пешомадаро баояндаи дурахшон даъват намуда, таъкид мекунад, ки аз таърих, тарзи зиндагӣ, тамаддун, расму оин ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик сабақ гирифта, таҷрибаи бою ғании ҳаёти онҳоро аз бар намуда, дар пешбурди ҷомеаи муосир истифода намоянд.

“Шоҳнома”, ки саропо тарбия аст, устодон, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд дар ҳар як лаҳзаи дарс ва чорабиниҳои тарбиявӣ, вобаста ба мавзуъ аз роҳу равиш, тарзу усул ва воситаҳои фаъол ва навин аз ин шоҳасари беназир самаранок истифода намуда, насли наврас ва ҷавонро дар руҳияи ахлоқи неки инсонӣ тарбия намоянд. Хусусан, дар рафти машғулиятҳои таълимии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих, фалсафа, ахлоқ, маърифати оиладорӣ ва ғайра бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи илму дониш, маърифатнокӣ ахлоқ, ғанӣ гардонидани хазинаи луғавӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии шогирдон самаранок истифода намудан ба манфиати ҷомеа мебошад.

Ба чоп расонидан ва туҳфа кардани “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳар як хонаводаи мардуми Тоҷикистон дар шароити рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ кори хайр, иқдоми нек ва айни муддао мебошад, зеро то кунун дар ҷаҳон ҳеҷ кас чунин иқдому ибтикоротро анҷом надодааст.

Оид ба масъалаи ба чоп расонидани ин шоҳасар Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қисмати “Муқаддима”-и “Шоҳнома” чунин гуфтааст: “Дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки хатари аз байн рафтани давлатҳо, миллатҳо, забонҳо ва фарҳангҳои бумиро дар пай дорад, мо ба афкору андешаҳои ватандӯстона, ҳувият, хештаншиносӣ, ҳифзи марзу буми ниёгон, ки дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ бозтоб ёфтаанд, ниёзманд ҳастем ва бояд бо такя бо ин андешаҳои хирадмандона пояҳои давлати миллии хешро боз ҳам устувортар намоем. Имрӯз мо “Шоҳнома”-ро дубора чоп ва дар дастраси мардуми шарафманди тоҷик қарор медиҳем, ба ин умед, ки руҳи “Шоҳнома” ва афкору андешаҳои миллатсози ҳаким Фирдавсӣ вориди ҳар хонадони тоҷик гардида, ҳар шаҳрванди Тоҷикистон худро дар назди давлати соҳибистиқлоли миллӣ масъул шуморад ва барои рушду пешрафти он тамоми неру ва тавони худро сарф намояд”.

Тақдими “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як хонаводаи тоҷик ҳадафмандона буда, ғояи баланди худшиносиву худогоҳӣ дорад ва ҳар фарди ин миллатро муваззаф месозад, ки баҳри пойдориву устувории давлат ва ворастагии ин миллат саъйи балеғе ба тақдим расонад, яъне, бояд ҳар як шаҳрванди баору номуси Тоҷикистон онро ҳамчун китоби рӯимизии худ қарор диҳад, ин шоҳасари безаволро сидқан омӯхта, таҳлил карда, онро ба сифати роҳбаладу роҳнамо ва ситораи қутбнамои зиндагии хеш самаранок истифода барад.

## ЭЪЛОН

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

**1. Дотсенти кафедраи курси амалии забони англисӣ - 1 ҷой.**

**2. Дотсенти кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ - 1 ҷой.**

**3. Профессори кафедраи забон ва адабиёти рус - 1 ҷой.**

**Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро тӯли як моҳ, баъд аз интишори эълон, ба шуъбаи илм ва инноватсияи донишгоҳ пешниҳод намоянд.**

**ЗАМИМАИ 1**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-950**

# НИЗОМНОМАИ
## Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат»

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» (минбаъд - Озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор карда мешавад.

2. Озмун бо мақсади рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо тақсимот ба ду гурӯҳ дар алоҳидагӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шакли нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (бакалаврон ва магистрон), ходимони илмӣ (ба истисноӣ докторони илм, профессорон, аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, муҳандисон, конструкторон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун баргузор мегардад.

3. Озмун аз рӯйи ҳашт номинатсия гузаронида мешавад:
- математика (арифметика, алгебра, геометрия);
- физика ва астрономия;
- химия;
- биология (ботаника, зоология, анатомия);
- география;
- технологияи иттилоотӣ;
- зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ;
- ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

4. Довталабони озмун ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) – гурӯҳи якум - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ ва ибтидоии касбӣ;

2) – гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ);

3) – гурӯҳи сеюм – донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (ба истисноӣ магистрантон, таҳсили ғоибона ва маълумоти дуюм);

4) – гурӯҳи чорум – магистрантон, ходимони илмӣ, (ба истисноӣ докторони илм, профессорон, аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот (ба истисноӣ докторони илм, профессорон, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), муҳандисон, конструкторон ва намояндагони дигари касбу кори гуногун метавонанд танҳо дар ду номинатсия: зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ ва ихтироъкорӣ ва навоварӣ иштирок намоянд.

### 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулони баргузории Озмун Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Маркази миллии тестӣ ва Саридораи геология мебошанд.

7. Кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва нашрияҳои давлатӣ дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун масъул буда, ғолибон, омӯзгорон ва волидайни онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

9. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, маориф, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони онҳо масъули ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

### 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

10. Барои гузаронидани Озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» комиссияи ҷумҳуриявӣ (минбаъд - комиссияи Озмун) таъсис дода мешавад, ки ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

11. Ваколати комиссияи Озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- муайян намудани ҷойи баргузории даври сеюм ва чоруми Озмун;
- тасдиқи ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми Озмун;
- гузаронидани семинарҳои машваратӣ барои ҳайати ҳакамон ва масъулони гузаронидани Озмун дар тамоми даврҳо;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокдорони Озмун ба даври чорум;
- таъсиси комиссияи апеллятсионӣ;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон ва иштирокдорон;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони Озмуни даври сеюм ва чорум;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва шиносоӣ.

### 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, моҳҳои апрел - ноябр ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:
- даври якум - моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо;
- даври дуюм - нимаи дуюми моҳи май дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо;
- даври сеюм - нимаи якуми моҳи сентябр дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чорум - даври ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюми Озмун нимаи дуюми моҳи октябр дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Даври мазкур аз ду қисм иборат буда, қисми аввал тавассути Маркази миллии тестӣ ва қисми дуюм аз ҷониби аъзои ҳакамон баргузор карда мешавад. Довталабоне, ки аз рӯйи саволномаҳои Маркази миллии тестӣ аз 50 дарсад камтар холҳоро ба даст меоранд, дар қисми дуюм иштирок карда наметавонанд.

13. Протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюм ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва раиси ҳакамон ба комиссияи Озмун пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои якуму дуюм ва сеюми Озмун дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз тарафи роҳбарони онҳо муайян карда мешавад.

15. Масъулияти баргузории даврҳои якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ вогузор карда мешавад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш мегарданд. Ҷараёни баргузории даври чорум пурра тавассути телевизионҳои давлатӣ сабт ва намоиш дода мешавад.

17. Ҷиҳати баргузории даврҳои сеюм ва чоруми Озмун Нақшаи чорабиниҳо бо фарогирии тамоми масъалаҳои Озмун таҳия гардида, аз ҷониби раиси Комиссияи ҷумҳуриявии Озмун тасдиқ карда мешавад.

18. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи Озмун то 1-уми октябр муқаррар карда мешавад. Дар ҳар як даври Озмун 6 ғолиб: ҷойҳои якум - 1 нафар, дуюм - 2 нафар ва сеюм - 3 нафар муайян карда мешавад.

19. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ё сарпарасти ӯ) аз даври дуюми озмун метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад.

20. Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио масъули раванди гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони даври чоруми Озмун мебошанд.

### 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

21. Дар Озмун хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ду гурӯҳ дар алоҳидагӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, магистрантон, ходимони илмӣ (ба истисноӣ докторони илм, профессорон, аъзои вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот (ба истисноӣ докторони илм, профессорон, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), муҳандисон, конструкторон ва намояндагони дигари касбу кори гуногун иштирок карда метавонанд.

22. Шартҳои ташкил ва баргузории Озмун аз ҷониби комиссияи Озмун назорат карда мешавад.

23. Довталаб 10 рӯз пеш аз оғози Озмун санадҳои зеринро бо ариза ба комиссияи Озмун пешниҳод менамояд:
- маълумотномаи ягонаи довталаб (мувофиқи шакли аз ҷониби котиботи Озмун пешниҳодшуда);
- тарҷумаи ҳол (шакли тасдиқшудаи намунаи он аз ҷониби масъулини Озмун пешниҳод мешавад);
- 4 дона сурати 3х4;
- маълумотнома аз макони зист ё ҷойи таҳсил;
- маълумотнома доир ба ихтисос, патент ё шаҳодатномаи муаллифӣ (барои номинатсияҳои зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ);
- нусхаи шиноснома.

24. Бақайдгирии ғолибони даврҳои дуюм ва сеюми Озмунро сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар Портали электронии таҳиянамудаи Вазорати маориф ва илм (вобаста ба оғози ҳар даври Озмун) таъмин менамоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои довталабони Озмунро таъсис дода, як нафарро ба таври ҳатмӣ котиби масъул таъин менамоянд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро санҷида, дар асоси санад онро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод намуда, ҳамзамон дар Портали электронӣ ҷойгир менамояд. Котиби масъули комиссия суроға, рӯз ва ҷойи баргузории Озмунро ба довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамоянд.

25. Ғолиби даври чоруми Озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардидааст, то се сол дар Озмун ва минбаъд дар номинатсияи ғолибомадааш ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

26. Барои иштирок дар даври чоруми Озмун ба комиссияи Озмун иловатан ҳуҷҷатҳои зерин дар шакли хаттӣ ва электронӣ (портали таҳияшуда) пешниҳод карда мешаванд:
- маълумоти мухтасар дар бораи довталаб;
- нусхаи патент ва ё шаҳодатномаи муаллифӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии захираи иттилоотӣ ва маълумотномаи Вазорати фарҳанг;
- номгӯйи дастгоҳ ва таҷҳизоти ихтироъшуда;
- барномаи таҳияшудаи компютерӣ;
- пешниҳодҳои хусусияти навоваридошта.

### 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

27. Донишу истеъдоди иштирокчиёни Озмун аз рӯйи донишҳои назариявии донистани қонуну қоидаҳо, теоремаву аксиомаҳо, назарияҳо, дуруст фаҳмонида додани моҳияти ҳодисаҳо ва равандҳои табиат, ҳалли масъалаҳои амалӣ ва корҳои озмоишӣ, инчунин намоиши дастоварди илмӣ ва навовариҳо муайян карда мешавад. Агар иштирокчӣ хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд гирифта шуда бошад ва дар даври чорум донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонанда дар даври чорум иштирок мекунад.

28. Як шахс танҳо дар як номинатсия аз номи як муассиса ё маҳалли зист дар Озмун иштирок карда метавонад.

### 7. МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

29. Вобаста ба номинатсия пешниҳоди супоришҳои Озмун (10 супориш ё саволу масъала) дар шакли зерин сурат мегирад:
- дар математика 40 дарсад назариявӣ ва 60 дарсад амалӣ;
- дар физика ва астрономия 40 дарсад назариявӣ ва 60 дарсад амалӣ-озмоишӣ (бо таносуби 80 дарсад физика ва 20 дарсад астрономия);
- дар химия 30 дарсад назариявӣ, 50 дарсад хаттӣ-амалӣ ва 20 дарсад озмоишӣ;
- дар биология 40 дарсад назариявӣ, 40 дарсад амалӣ ва 20 дарсад озмоишӣ;
- дар география 50 дарсад назариявӣ ва 50 дарсад амалӣ;
- дар технологияи информатсионӣ 30 дарсад назариявӣ ва 70 дарсад амалӣ;
- дар номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ аз рӯйи пешниҳоди барномаҳои нави компютерӣ ва мобилии таҳияшуда ва барномаҳои идоракунандаи зеҳни сунъӣ;
- дар ихтироъкорӣ ва навоварӣ аз рӯйи пешниҳоди ихтироот ва навоварӣ, аз ҷумла дастгоҳу таҷҳизот, техникаву технология, навъу намунаҳои нави зироат, дарахту буттаҳо ва маводи доруворӣ.

***(Давомаш дар саҳ. 7)***

*(Аввалаш дар саҳ. 6)*

30. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба дониш, маҳорат ва малакаи довталабон аз ҷониби комиссияи Озмун ҷадвали 100-хола (ба ҳар савол ё супориш то 10 хол) муқаррар карда шуда, ҳайати ҳакамони Озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталабон аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- барои ба пуррагӣ ҷавоб додан ба саволҳои назариявӣ, дуруст пешниҳод намудани қонуну қоидаҳо, назарияҳо, теорема ва аксиомаҳо, моҳияти ҳодисаҳои табиат, дуруст ҳал кардани мисолу масъалаҳо, пурра анҷом додани корҳои озмоишӣ то 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар то 4 хол, барои ҷавоби миёна то 3 хол, барои ҷавоби заиф то 2 хол гузошта шуда, барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол дода намешавад;

- барои номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ то 100 хол ба барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ, барномаҳои идоракунии зеҳни сунъие дода мешавад, ки бо шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии захираи иттилоотӣ (5 хол) ва шаҳодатномаи Вазорати фарҳанг ҳифз шудааст (5 хол) ва дар амал ҷорӣ шудааст ё имкони ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст ва унсурҳои навоварӣ мавҷуд буда, натиҷаи тиҷоратикунонии он пешниҳод шуда бошад. Барнома ва пешниҳоде, ки бо шаҳодатномаҳо ҳифз нашудааст, то 80 хол баҳогузорӣ карда мешаванд;

- барои ҷавоби пурра додан ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо пурра ҳал намояд ва пешниҳоди натиҷаҳои саҳеҳ то 10 хол дода мешавад. Барои ҷавобҳо ба саволҳои назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд, то 8 хол, барои ҷавобҳо ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд, то 6 хол, барои ҷавоб ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барнома то 4 хол, барои ҷавоб танҳо ба саволи назариявӣ то 2 хол дода мешавад;

- барои ихтироъкорон то 100 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки он бо патент (ё шаҳодатномаи муаллифӣ)-и байналмилалии ташкилотҳои зътирофгардида ва ё ҷумҳурӣ ҳифз шудааст, дар истеҳсолот ҷорӣ гардидааст ё имкони ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, унсурҳои навоварӣ мавҷуд буда, натиҷаи тиҷоратикунонии он пешниҳод шуда бошад. Баҳои то 80 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки дар он хусусиятҳои навоварӣ мавҷуд аст, имкони дар истеҳсолот ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, вале бо патент тасдиқи худро наёфтааст. То 60 хол барои ихтирооте дода мешавад, ки дар он унсурҳои навоварӣ ҷой доранд, то 50 хол барои сохтани конструксияҳои муайян, ки унсурҳои навоварӣ надорад, дода мешавад. Барои намунаҳои дастовардҳои аллакай мавҷуда то 30 хол дода мешавад;

- саволҳои назариявӣ дар шакли хаттӣ ба иштирокдорон пешниҳод карда мешаванд;

- холи натиҷавии бадастовардаи иштирокдорон дар асоси ҳисоби қимати миёнаи холи гузоштаи ҳар як узви ҳайати ҳакамон муайян карда мешавад;

- дар тамоми номинатсияҳои ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм тибқи ҷадвали зерин дода мешаванд:

аз 75 то 100 хол ҷойи якум;

аз 60 то 75 хол ҷойи дуюм;

аз 50 то 60 хол ҷойи сеюм.

- дар сурати аз 75 дарсад кам ба даст овардани холҳо дар номинатсия, ҷойи якум дода намешавад.

### 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

31. Шумора ва ҳайати ҳакамонро комиссияи Озмун муайян мекунад.

32. Ҳайати ҳакамони Озмун дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо корҳои зеринро иҷро мекунанд:

- тибқи пешниҳоди комиссияи Озмун донишу истеъдоди иштирокдоронро натиҷагирӣ мекунанд;

- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамоянд;

- натиҷаи Озмунро дар протокол дарҷ намуда, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ менамоянд.

33. Ба ҳайати ҳакамони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, олимону муҳаққиқон ворид мешаванд.

34. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

35. Хулосаи ҳайати ҳакамони даврҳои сеюм ва чорум дар комиссияи Озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

36. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

37. Ҳайати ҳакамони даври ниҳоии Озмун бо инобати мутахассисон аз ҳамаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии соҳавии кишвар таъин карда мешаванд.

### 9. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД БАРОИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

38. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе роҳ дода мешавад, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯйи номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ ҷойи якумро сазовор гардидааст.

39. Агар барандаи Шоҳҷоиза намоянда аз табақаҳои касбу кори гуногун бошад, бо пешниҳоди комиссияи Озмун бо тартиби муқарраргардида бо мукофоти соҳавӣ сарфароз гардонида мешавад.

### 10. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

40. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм, таъмини сафархарҷӣ ва будубоши ҳайати ҳакамон дар ин даврҳои Озмун, хароҷоти вобаста ба сафарбаркунӣ ва будубоши ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузории бо қонунгузорӣ манъ-нагардида пардохт карда мешавад.

41. Ғолибони даврҳои якум, дуюм, сеюми Озмун ва омӯзгорони волидони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

42. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ғолибони даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмунро бо мукофотҳо сарфароз мегардонанд.

43. Ба ғолибони даври чоруми Озмун ва барандаи Шоҳҷоиза, инчунин ҳайати ҳакамон ва мутахассисон тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад. Сметаи хароҷоти маблағҳои иловагии пешбинигардида бо комиссияи Озмун мувофиқа карда мешавад.

44. Ҷоиза ва мукофоти пулии ғолибони Озмун ва омӯзгорони онҳо дар маросими тантанавӣ аз ҷониби аъзои комиссияи Озмун ва дигар шахсони расмӣ супорида мешавад.

45. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо ҷалби сарпарастон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

46. Иштирокчиёни ҷойҳои 4, 5, 6 даври чоруми Озмун бо нишони «Илм ва инноватсия» ва «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ менамояд.

47. Падару модароне, ки фарзандони онҳо миёни гурӯҳи донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ) дар даври чорум ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ба даст меоранд, соҳиби нишони «Маърифатпарвар» ва «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

48. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), ки шогирдони онҳо дар даври чоруми Озмун ва барандаи Шоҳҷоиза ва сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мегарданд, бо мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

49. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми Озмун аз суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

### 11. ИМТИЁЗҲО

50. Ғолибони даври чорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

51. Иштирокдорони даври чоруми Озмун дар давоми се сол ба ихтисосҳои фанҳои риёзӣ, дақиқу табиатшиносӣ ва техникӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибон ва иштирокдорони даври чоруми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

52. Омӯзгороне, ки шогирдонашон дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 мегарданд, соҳиби унвони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» мегарданд.

53. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

**ЗАМИМАИ 2**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-950**

## Ҳайати
## комиссияи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2026

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) – раиси комиссияи Озмун;

вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи Озмун;

президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи Озмун;

муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – котиби комиссияи Озмун.

**Аъзои комиссия:**

сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;

вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини соҳавии Раиси шаҳри Душанбе;

директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ.

**ЗАМИМАИ 3**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2026, №АП-950**

## Ҷоизаҳои
## Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2026

1. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷойҳо | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **1.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.6. Номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.7. Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.8. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **48** | **2080000** |

*(Давомаш дар саҳ. 8)*

*(Аввалаш дар саҳ. 7)*

2. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ)

# Ҷоизаҳои
## Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2026

| № | Ҷойҳо | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **1.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.6. Номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.7. Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.8. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **48** | **2080000** |

3. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ

| № | Ҷойҳо | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **1.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.6. Номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.7. Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **1.8. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **260 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **48** | **2080000** |

4. Магистрантон, ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантони ҳабилитат ва унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **4.1. Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҷамъ** | | | **6** | **260 000** |
| **Ҷамъи иштирокчиён 132 нафар** | | | | |
| **4.2. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| **Ҷамъ** | | | **6** | **260 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **12** | **520 000** |
| **Ҷамъи иштирокчиён 156 нафар** | | | | |

Шоҳҷоиза барои номинатсияҳои зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ ва ихтироъкорӣ ва навоварӣ

| № | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | 140 000 | 1 | 140 000 |

5. Омӯзгорони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| | | | | |
| **Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **48 нафар** | **960 000** |

6. Омӯзгорони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ)

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| | | | | |
| **Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи технологияҳои иттилоотӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1. | Ҷойи якум | 20 000 | 1 | 20 000 |
| 2. | Ҷойи дуюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| 3. | Ҷойи сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **6** | **120 000** |
| **Дар маҷмуъ** | | | **48 нафар** | **960 000** |

Хароҷоти иловагӣ

| № | Хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) | |
|---|---|---|---|
| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
| 1. | Мукофотпулӣ барои ҷоизаҳо ва Шоҳҷоиза | 156 + 1 | 6 900 000 |
| 2. | Мукофотпулӣ барои омӯзгорон | 96 | 1 920 000 |
| 3. | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун, ҳавасмандгардонии ҳайати ҳакамон, масъулони баргузорӣ, барандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва хароҷоти дигар | — | 1050 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 9 870 000 |

Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

**Фурӯғ**

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

**МУАССИС: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ҚУРБОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ РАҲМАТ,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба таълим

**ҲУКМИДДИН САФАРБЕКЗОДА,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм

**НАРГИС НУРАЛИЗОДА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия

**РУСТАМ ТАҒОЙМУРОДОВ,**
доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ГАДОЗОДА АБДУКИБОР,**
доктори илмҳои таърих, профессор

**БОЛТАЕВ МАЛИК,**
номзади илмҳои кимиё, дотсент

**АҲМАДОВ САФАРМАД,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**МУҲАРРИР: НАИМЗОДА ҚУДРАТУЛЛО**

Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва дурустии арқому далелҳо бар дӯши муаллифон аст. Матолиби муаллифони беруна дар ҳаҷми то 3 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 пазируфта мешавад.

*Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №399/РЗ-97 аз 27 ноябри соли 2023 аз нав ба қайд гирифта шуда, аз 1 сентябри соли 2000 нашр мешавад.*

Рӯзнома ҳар ҳафта як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

**НИШОНӢ:**
ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 67
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**
furugh2000@mail.ru

Ҳафтанома дар матбааи ҶДММ «Аниса-95» чоп шудааст.

**Адади нашр: 11200 нусха**

***Ба чопаш 26. 01. 2026 иҷозат дода шуд.***